Суратҷаласа №____

Дар бораи баргузории вохӯрии навбатии Гурӯҳи кории байниидоравии №12 оид ба “Баробарии гендерӣ”-и Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз 24. 12. 2024

ш.Душанбе,
меҳмонхонаи “Серена”

Раиси кард:

Муовини якуми
Раиси Кумита: Нуруллозода Ф.

Иштирок доштанд:

Намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, Котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ, Воситаи ахбори омма, инчунин кормандони Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзномаи ҷаласа:

“Дастовардҳо оид ба пешбурди сиёсати гендерии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024”

Ҷаласаи навбатии Гурӯҳи кориро муовини якуми раиси Кумита оғоз намуда, ҷиҳати дастовардҳо ва пешравиҳои ноилгардидаи Кумита дар соли 2024 суханронӣ намуд.

Мавсуф дар рафти чорабинӣ зикр намуд, ки Кумита фаъолияти худро вобаста ба пешбурди сиёсати гендерӣ тибқи дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, дар соли 2024 лоиҳаи “Барномаи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030” омода намуда, он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва қабул гардид.

Дар баробари ин, аз ҷониби Кумита лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” ва лоиҳаи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зуроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030 ва нақшаи он омода ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаст, ки айни замон мавриди баррасӣ қарор дорад.

Маврид ба зикр аст, ки Кумитаи кор бо занон ва оила дар соли 2024 як қатор чорабиниҳои байналмилалиро аз қабилӣ Форуми “Занон ва об”

дар доираи Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” санаи 10-уми июни соли равон бо иштироки 180 нафар намояндагони 25 кишвари дунё ташкил ва баргузор намуд.

Дар ин раванд, рӯзҳои 19-20-уми июни соли 2024 дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд Вохӯрии “Занони Тоҷикистону Чин” ташкил ва баргузор гардида, 19-уми июн бо иштироки Раиси Кумита маросими ифтитоҳи намоишгоҳи муштараки расмҳои рассомони Тоҷикистон "Симои Зан" ва санъати каллиграфияи устодони чинӣ "Маънии ҳаёт" дар Маҷмааи фарҳангӣ-таърихии "Қалъаи Хуҷанд" маррази тамошои меҳмонон гузошта шуд.

Ҳамзамон, дар ҳошияи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон рӯзи 1-уми августи соли 2024 Форуми занони Тоҷикистону Қазоқистон бо иштироки 70 нафар намояндагони ҷонибҳо баргузор гардид.

Қобили тазакур аст, ки Кумита дар чорабинии сатҳи байналмилалӣ дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи вохӯрии аъзои Муколамаи Занони Осиёи Марказӣ Раёсати баргузории Муколамаи занони Осиёи Марказиро дар соли 2025 расман қабул намуда, вобаста ба он аз ҷониби Кумита  баргузории чорабиниҳои сатҳи баланд ба нақша гирифта шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки баргузории чорабиниҳои муҳими байналмилалӣ ҷиҳати таҳкими ҳамкорӣ байни занони кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла табодули таҷриба ва рушди ташаббусҳои муштарак дар соҳаҳои калидӣ равона гардида, дар робита ба ин Тоҷикистон бо қабули Раёсат дар Муколамаи Занони Осиёи Марказӣ ҷиҳати рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти баробарии гендерӣ ва ташкили ҷомеаи баробарҳуқуқ саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Сипас,  Нуруллозода Фирӯза сухани навбатиро барои пешниҳоди рӯнамо ва баромад дар самти пешбурди сиёсати гендерӣ ва муаррифии тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила ба сардори шуъбаи рушди гендерӣ ва муносибатҳои байналмилалии Кумита Акобирова Ҷавоҳир дод.

Акобирова Ҷ., вобаста ба баргузории чорабиниҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ва чорабиниҳои байналмилалии вобаста ба  пешбурди сиёсати гендерӣ, ки намояндагони Кумита дар онҳо иштирок намудаанд суханронӣ намуда, ҳамзамон, тариқи рунамо вобаста ба бандҳои дахлдори қонуни болозикр, ки дар онҳо тағйиру иловаҳо ворид гардидаанд ба иштирокдорон маълумот пешниҳод намуд.

Инчунин, Акобирова Ҷ ., лоиҳаи нақшаи баргузории чорабиниҳои “Муколамаи занони Осиёи Марказӣ” барои соли 2025- ро ба ҳозирин муаррифӣ намуда, дар якҷояги бо аъзоёни гурӯҳ мавриди мулоҳиза қарор доданд.

Ҳамзамон, аз ҷониби роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии “Ҷаҳон Абдунабизода Шаҳло вобаста баргузории чорабиниҳо ва суҳбату вохӯриҳо

дар самти пешбурди сиёсати гендерӣ, ки аз ҷониби ташкилоти мазкур дар ҳамкорӣ бо Кумита гузаронида шудааст, бо пешниҳоди рӯнамо муаррифӣ намуд.

Сипас, сухани навбатӣ ба намояндаи CIPE (Маркази байналмилалии соҳибкории хусусӣ) Маҳмудова Моҳру дода шуд.

Маҳмудова М., бо рӯнамо вобаста ба масъалаҳои занон, ҷавонон, гурӯҳҳои осебпазир, соҳибкории занон, мубориза бар зидди коррупсия, пешбурди савдо, сармоягузории масъулиятнок, иқтисоди рақамӣ, дастрасии занон ва соҳибкорон ба маблағгузорӣ, дастгирии занони соҳибкор, мубодилаи таҷриба ва ахборот, мусоидат ба рушди иқтисодӣ, пурзӯр намудани нақши занон дар сохтани шабакаи дастгирӣ, ташаккул додани шабакаи алоқаҳо, барои занон, ки дар тиҷорат барои пайдо намудани сармоягузорон ва мизоҷон кӯмак хоҳад кард, омӯзиш ва такмили малакаҳо, гузаронидани тренингҳо ва чорабиниҳои тарбиявӣ оид ба баланд бардоштани малакаи занон баромад намуда, аз натиҷаи фаъолияти кории ташкилоти зикргардида маълумот пешниҳод намуд.

Ҳамзамон, аз ҷониби роҳбари Ташкилоти ҷамъиятии “Авруосиё” дар Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки барои риоя аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешбурди сиёсати гендерӣ яке аз муовинони Кумита мард интихоб шавад;

Аз ҷониби Маҳмудова М. намояндаи CIPE (Маркази байналмилалии соҳибкории хусусӣ) пешниҳод гардид, ки омодаанд дар баргузории Муколама бо Кумита ҳамкорӣ намуда, дар чорабинӣ оид ба соҳибкорӣ қисман саҳмгузор бошанд;

Аз ҷониби намояндаи ташкилоти АКТЕД дар Тоҷикистон Нисо Шарифӣ низ омодагӣ вобаста ба баргузории чорабиниҳои Муколама ва оид ба пешгирии зӯроварӣ иброз гардид.

Дар охир муовини якуми раиси Кумита ҳамаи хоҳишмандонро ҷиҳати пешбурди сиёсати гендерӣ ва ҳамкорӣ оид ба иҷрои механизми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват намуд.

Инчунин, дар ҷамъбасти вохӯрӣ байни аъзоёни гуруҳи мазкур ва иштирокдорон саволу ҷавоб сурат гирифта, аз ҷониби баромадкунандагон посуххои мушаххас барои боз ҳам равшан гардонидани масъалаҳо зикргардида пешниҳод гардид.

Муовини якуми раиси Кумита: Нуруллозода Ф.

Котиб: Боймаҳмадова Р.